Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Санъати тасвирӣ

# 7

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 7-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон ба нашр тавсия намудааст*

Нашри нав



Тошканд – 2022

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК 75(075.3)
КБК 85.14я72
С 29

*Мураттибон:*
**Асқарали Сулаймонов, Сакина Муҳамедҷанова,
Зилола Сулаймонова, Дилшодҷон Хайтметов**

*Тақризчён:*
**Ботир Байметов** – профессори факултаи санъатшиносии кафедраи санъати тасвирии Донишгоҳи педагогии давлатии Чирчиқи вилояти Тошканд, номзади илмҳои педагогӣ, аъзои иттиҳоди эҷодкорони Бадеии Ўзбекистон.

**Руслан Халилов** – мудири кафедраи санъати тасвирии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд ба номи Низомӣ, дотсент.

**Барно Юнусова** – методисти фанҳои санъати тасвирӣ ва нақшакашии маркази таълими Республикаи назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Ўзбекистон.

**Саодат Мансурова** – омӯзгори фанҳои санъати тасвирӣ ва нақшакашии мактаби таълими миёнаи умумии рақами 274-уми ноҳияи Юнусободи шаҳри Тошканд.

**Шохиста Турсунова** – омӯзгори фанҳои санъати тасвирӣ ва нақшакашии мактаби таълими миёнаи умумии рақами 15-уми ноҳияи Тошканди вилояти Тошканд.

Санъати тасвирӣ [Матн]: китоби дарсӣ барои синфи 7-ум / А. Сулаймонов [ва диг.]. – Тошканд: Маркази таълими Республика, 2022. – 128 саҳ..

ISBN 978-9943-8374-7-8 УЎК 75(075.3)
КБК 85.14я72

## Аломатҳои шартӣ:


Кори амалӣ


Саволҳо аз рӯйи мавзӯъҳои гузашта


Вазифаи хонагӣ


Маълумотҳои ҷолиб оиди мавзӯъ

*Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби Республика чоп шудааст.*

*Макети оригиналӣ ва консепсияи дизайнӣ аз ҷониби маркази таълими Республика коркард шудааст.*

ISBN 978-9943-8374-7-8
© Маркази таълими Республика, 2022

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУНДАРИЧА

## 1 ЧОРЯКИ








**Мавзӯи 1.** Нишонаи рамзӣ ва гералдика дар санъати тасвирӣ 7

**Мавзӯи 2.** Кор кардани логотипи фестивали санъат, мусобиқаи спортӣ 11

**Мавзӯи 3.** Чараён ва самтҳо дар санъати тасвирӣ. Импрессионизм ва постимпрессионизм 15

**Мавзӯи 4.** Кор кардани манзара бо услуби пуантилизм 20

**Мавзӯи 5.** Кор кардани натюрморт бо услуби пуантилизм 25

**Кори назоратӣ**. Кор кардани манзара (ёки натюрморт) бо услуби пуантилизм 30

**Мавзӯи 6.** Кор кардани натюрморт бо услуби кубизм 31


## 2 ЧОРЯКИ




**Мавзӯи 7.** Бо ёрии барномаи графикӣ кор кардани дизайни муқоваи китоб 38

**Мавзӯи 8.** Иллюстратсияи китоб 42

**Кори назоратӣ.** Кор кардани иллюстратсия ба яке аз мавзӯъҳои дар дарсҳои адабиёт омӯхташуда 51

**Мавзӯи 9.** Композитсияи графикии шрифтӣ 52

**Мавзӯи 10.** Кор кардани тасвир бо усули коллаж 57


*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## 3 ЧОРЯКИ




**Мавзӯи 11.** Портрет дар ҳайкалтарошӣ 65

**Мавзӯи 12.** Аз маводҳои ҳайкалтарошӣ сохтани ашёҳои декоративӣ 68

**Мавзӯи 13.** Кор кардани ҳайкали функсионалӣ-декоративӣ барои дизайни ландшафт 72

**Мавзӯи 14.** Кор кардани паннои декоративӣ дар ҳайкалтарошӣ. Релйеф 76

**Кори назоратӣ.** Кор кардани композитсияи релйефмонанд аз пластилин ё гил дар мавзӯи ихтиёрӣ 80

**Мавзӯи 15.** Шаклҳои рамзӣ дар санъати ороиши амалии Ӯзбекистон 81

**Мавзӯи 16.** Кор кардани нақши ислимӣ 86


## 4 ЧОРЯКИ




**Мавзӯи 17.** Санъати дизайн 90

**Мавзӯи 18.** Композитсия дар меъморӣ. Дизайни интерйер 94

**Мавзӯи 19.** Композитсия дар меъморӣ. Дизайни экстерйер 99

**Мавзӯи 20.** Композитсияи граффитӣ дар муҳити меъморӣ 105

**Кори назоратӣ.** Кор кардани композитсия барои графити – тасвири деворӣ дар мавзӯи “Мусобиқаҳои спортӣ” 110

**Мавзӯи 21.** Кор кардани композитсияи меъморӣ дар мавзӯи “Шаҳри орзуи ман” 111

**Мавзӯи 22.** Композитсия дар фотография 120


*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУҚАДДИМА

Донишомӯзи гиромӣ! Китоби дарсии насли нав, ки пешкаши шумо мегардад дар бораи намудҳо, жанрҳо, ҷараёнҳо ва самтҳои санъати тасвирӣ, рассомони эҷодкор, дизайн, фаъолити композитситсионӣ, санъати китобат маълумотҳо шинос мешавад. Донише, ки дар дарсҳои санъати тасвирӣ гирифтаед, компетенсияҳои амалие, ки азхуд кардаед, дар интихоби касб ба шумо аз наздик кӯмак мекунад. Барои ин ба шумо лозим меояд, ки мавзӯъҳои китоби дарсиро суботкорона азхуд кунед, супоришҳои амалиро иҷро кунед ва маҳорати худро такмил диҳед. Умедворем, ки ин китоби дарсӣ ҳамчун манбаи муҳим барои гирифтани тасаввурот дар бораи касбҳои марбут ба фаъолияти эҷодӣ, аз қабили рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, дизайнерӣ, меъморӣ хизмат мекунад.



*Книга предоставлена исключительно в образо
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ЧОРЯКИ 1

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 1

# НИШОНАИ РАМЗӢ ВА ГЕРАЛДИКА ДАР САНЪАТИ ТАСВИРӢ

Дар санъати тасвирӣ навъи фаъолиятеро, ки бо тасвири нишонаҳои рамзӣ алоқаманд аст, "гералдика" (олмонӣ "heraldic", фаронсавӣ "heraldique", юнонӣ "heraldus") меноманд. Нишонҳои фирма, вазорат, консерн, қумита ва ташкилотҳои гуногун, тасвири гербҳои давлатҳо низ намунаи гералдика ҳисобида мешавад.

Аввалин гербҳо дар ҳазораи сеюми пеш аз милод пайдо шуданд. Дар гербҳо асосан тасвири ҳайвонот ва паррандагон истифода мешуд. Дар нишони давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ паррандаи афсонавии ҳумо тасвир шудааст.




*Расми* 1. Герби давлатии Республикаи Ӯзбекистон инчунин эмблемаи қумитаи Олимпии Ӯзбекистон




*Расми* 2. Эмблемаи Вазорати корҳои дохилии Республикаи Ӯзбекистон

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 3. *Герби* давлатии *Федератсияи* Россия



*Расми* 4. Герби давлатии Республикаи Қазоқистон



*Расми* 5. Герби давлатии Финландия

Яке аз соҳаҳои муҳими гералдика – нишонҳои рамзӣ, эмбеламаҳо низ намунаҳои намуди графикии санъати тасвирӣ ҳисобида мешавад. Хусусан, консернҳои машҳури ҷаҳон, корхонаҳои саноати автомобилӣ ба эмблемаҳое, ки ҳамчун вазифаи бренди маҳсулоти худ хидмат мекунанд, эътибори ҷиддӣ додаанд *(расми 6).*




*Расми* 6. Эмблемаҳои автоконсернҳои машҳури ҷаҳон

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 7. Эмблемаҳои ифодакунандаи маънои рамзӣ




*Расми* 8. Марҳилаҳои кор кардани эмблема

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Кор кардани эмбеламаи мактаб (синф, фирма).

1. Калимаи “гералдика” аз кадом забон гирифта шудааст ва чӣ маъно дорад?

2. Дар кадом соҳаҳо нишони рамзӣ ва эмблемаҳо истифода мешаванд?

3. Дар киҳо ва соҳибони кадом касбҳо гербҳои шахсӣ вуҷуд доштанд?

Ба таври мустақил кор кардани эмблемаи фирма.

- Тасвири уқобро бештар дар гербҳои давлатӣ истифода бурдаанд.
- Герби давлатии Республикаи Ӯзбекистонро академики Академияи Бадеии Ӯзбекистон Анвар Мамаҷонов кор кардааст.
- Дар герби Амир Темур се доира тасвир ёфтааст.
- Шахсони маъруфи таърихӣ аз қабили Искандари Мақдунӣ, Юлий Сезар, Шоҳ Артур низ гербҳои худро доштанд.
- Дар қадим ба ғайр аз гербҳои давлатӣ гербҳое мавҷуд буданд, ки соҳибии молу мулк, корпоратсияҳо, дворян ва оилаҳои буржуазиро ифода мекарданд.
- Дар байни солҳои 1672 ва 1705 дар шарҳри Амстердам китобе бо номи “Рамзҳо ва тағмаҳо” нашр гардид, ки он зиёда аз 8000 намунаҳои гералдикаро дар бар мегирад. Соли 1671 китоби Клод Франсуа Монеструа “Санъати гералдика ва пайдоиши гербҳо” аз чоп баромад. Соли 1726 дар Академияи Петербург кафедраи гералдика ташкил карда шуд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 2

# КОР КАРДАНИ ЛОГОТИПИ ФЕСТИВАЛИ САНЪАТ, МУСОБИҚАИ СПОРТӢ

**Логотип** (аз олмонӣ “logotupe”, юнонӣ “logos” – калима, “tupos” – маъноҳои пайро ифода мекунад ) – нишони графикӣ ё эмблемаи созмонҳо, корхонаҳои тиҷоратӣ ё шахсони ҷисмонӣ аст. Логотип – як атрибути асосии инденфикатори корпоративии ширкат мебошад. Дизайни логотип ифодаи визуалии консепсия ва ғоя буда, тасвири графикии оддӣ, вале аз ҷиҳати мантиқӣ-композитсионӣ мукаммал ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, логотип бояд аслӣ, ассотсиативӣ, экспрессивӣ, функсионалӣ бошад.

Логотип тавассути омезиши унсурҳои аломат, рамз, шрифтҳои ҷолиб офарида шуданаш ҳам мумкин аст. Масалан, агар матн ба аломат табдил ёбад, ҳуруфро бо шакли графикии марбут ба мавзӯъ ғанӣ кардан мумкин аст.

Логотип ширкатро тавассути аломатҳо ва рамзҳо муаррифӣ мекунад. Аломати он бояд барои дарки визуалӣ қулай ва фаҳмо бошад. Логотипи мусобиқаи байналхалқии шамшербозони наврасон дар Тошканд баргузор гардида, ба ин мисол шуда метавонад.

**Вазифа**

Рақобат ва макони баргузориро дар як логотип нишон додан. Логотип бояд аслӣ ва барои ҳама фаҳмо бошад.

**Ҳал**

Дар логотип ба сифати асос тасвири шамшери ба боло бардошташуда ва яке аз ҷойҳои ба диққат сазовори Тошканд – аз образҳои манораи телевизионии Тошканд истифода бурдаанд.



*Расми* 9. Эмблемаи мусобиқаи байналхалқии шамшербозӣ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

## БО ЁРИИ ИЛОВАИ “ТУРБОЛОГО” ОФАРИДАНИ ЛОГИТИПИ ФЕСТИВАЛИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ

1 Марҳилаи аввали эҷоди логотип тавассути илова (https://turbologo.ru/create-logo) номи чорабинии дарпешистода, слогани ӯ (шиораш) ва маълумотҳо дар бораи он, ки ба кадом соҳа бахшида шудааст, ворид карда мешавад.







2 Дар саҳифаи баъдина барои логотип ранг интихоб карда мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



3 Дар саҳифаи навбатӣ барои логотип тасвири графикӣ интихоб карда мешавад. Барои ин логотипи офаридашаванда мансуби кадом соҳа аст, нишон додан талаб карда мешавад. Аз вариантҳои пешниҳодшуда имконияти интихоби то 5 вариант вуҷуд дорад.




4 Аз вариантҳои пешбинишуда мақбулаш интихоб карда мешавад.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






5 Варианти интихобшуда ба таври скриншот нигоҳ дошта, гирифта мешавад






1. Логотип гуфта чиро мефаҳмед?
2. Талабҳои барои логотип гузошташуда аз чиҳо иборатанд?
3. Ба компонентҳои визуалии логотип чиҳо дохил мешаванд?

Бо иловаҳое, ки барои эҷоди логотип пешбинӣ шудаанд истифода бурда, барои корхона офаридани логотип ва слогани реклама.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 3

# ҶАРАЁН ВА САМТҲО ДАР САНЪАТИ ТАСВИРӢ. ИМПРЕССИОНИЗМ ВА ПОСТИМПРЕССИОНИЗМ

Ҷараёни импрессионизм (фаронсавӣ “impressionnisme” – таассурот) дар Аврупо дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX, асосан дар Фаронса пайдо шудааст. Импрессионизм яке аз ҷараёнҳои бузурги санъати тасвирӣ буда, он бар хилофи санъати тасвирии анъанавии догматикии академӣ ба вуҷуд омадааст.



15 апрели соли 1874 дар яке аз қаҳвахонаҳои Париж намоишгоҳи асарҳои “хор шудагон” (рассомони ғайрирасмӣ чунин номида мешуд) кушода мешавад. Асари “Таассуроти пеш аз тулӯи офтоб”-и Клод Оскар Моне дар намоишгоҳ ба вуҷуд омадани истилоҳи “таассуротчиҳо” сабаб шуд. Дар ибтидо барои тавсифи кори як гурӯҳи рассомон истилоҳи истифодашуда, баъдтар ба ҳайкалтарошӣ, мусиқӣ, адабиёт ва дигар намудҳои санъат татбиқ карда шуд. Ғояи асосии рассомони импрессионистӣ истифодаи рангҳои соф буд. Рассомонро ҳолатҳои зуд тағйирёбандаи табиат – пагоҳӣ, нисфирӯзӣ, бегоҳӣ, ҳавои намнок ва хушк, манзараҳои рӯзҳои абрноку офтобӣ, лавҳаҳои пурҷӯш ва серодами шаҳр завқ мебахшад. Аз худи натура кор кардани расм дар ҳавои кушод (бо пленер) ба услуби асосии эҷодии импрессионистҳо табдил ёфтааст.

*Яке аз асосгузорони импрессионизми аврупоӣ Алфред Сислей (1839 –1899) дар асоси таассуротҳои ҳаётӣ дар офаридани картинаҳои рангтасвир соҳиби маҳорати баланд буд. Падараш ӯро барои гирифтани дониши иқтисодӣ ба Лондон барои таҳсил фиристод. Аммо, азбаски Алфред ба санъати тасвирӣ, рангтасвир шавқ дошт, дар устохонаи Шарл Глейр асосҳои санъати тасвириро омӯхт. Дар ин ҷо Алфред бо Клод Моне ва Огюст Ренуарро шинос шуд, ки баъдтар онҳо импрессионистҳои машҳур шинохта шуданд.*

*Дар соли 1873 Алфред Сислей ҷамъияти импрессионистҳои рангтасвирчиёнро таъсис дод. Вай дар тамоми умр ва фаъолияти эҷодии худ ба импрессионизм содиқ монд.*

Рассомони импрессионист танҳо ҳафт ранги спектрро (сурх, норанҷӣ, зард, сабз, ҳаворанг, кабуди баланд, бунафшранг) истифода бурдаанд. Импрессионистҳо эҷоди рангҳои иловагӣ ва мураккабро бо роҳи омехта кардани рангҳо ва аз онҳо эҷод кардани картина ҳамчун ҳолати сунъӣ баҳо медоданд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 10. **Камил Писсарро.** Ҷанна Писсарро дар боғ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 11. **Клод Моне.** Нилуфарҳо

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Яке аз рассомони машҳури ҷараёни импрессионистӣ Огюст Ренуар бо маводҳои гуногун картинаҳои ҷозибадор эҷод кардааст. Дар картинаи “Маҷнунтол ва одамони дар қаиқ” *(расми 12)* ҳамчун рассоми рангтасвир маҳораташ намоён шудааст. Дар назари аввал манзараи оддии деҳот бо ҷузъиётҳои тасвиркардаи рассом мазмуни махсус дорад. Оби дарёи дар плани мобайнии асар тасвирёфта, нишонаи гузаранда будани зиндагист. Одамони дар қаиқ буда бошад, ҳамчун мусофирони оддии ҳаёти гузариш тафсир карда шудаанд.



*Расми* 12. **Огюст Ренуар.** Маҷнунтол ва одамони дар қаиқ

Пас аз импрессионизм дар санъати тасвирӣ ҷараёни постимпрессионизм ба вуҷуд омад. Намояндагони ин ҷараён асарҳои худро дар асоси қонуниятҳои санъати тасвирии реалистӣ офаранд ҳам, онҳо дар композитсияи асар ба мазмуни рамзӣ ва фалсафӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд. Баъдтар дар санъати тасвирӣ ҷараён ва равияҳо аз қабили пуантилизм, неоимпрессионизм, фовизм ва кубизм пайдо шуданд.



*Расми* 13. **Огюст Ренуар.** Портрети актриса

Ҷараёни импрессионизм ба кишварҳои Аврупо, Амрико ва Осиё, аз ҷумла ба санъати тасвирии ӯзбек низ таъсир расонидааст. Аз ҷумла, унсурҳои импрессионизмро дар эҷоди рассомони ӯзбекистонӣ ба мисли Лев Буре, Оганес Татевосян, Павел Бенков, Зинаида Ковалевская, Владимир Бурмакин, Юрий Талдикин, Анвар Мирсоатов, Ҷавлон Умарбеков, Алишер Мирзаев, Шуҳрат Абдурашидов, Янис Салпинкидӣ, Абдуманнон Юнусов, Дилором Мамедова диданамон мумкин аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 14. **Алфред Сисли.** Баҳор дар Сен-Жермен

Нусхабардорӣ аз асаре, ки бо услуби импрессионизм коркард шудааст.

1. Ҷараёни импрессионизм кай ва дар куҷо пайдо шудааст?
2. Истилоҳи "импрессионизм" дар ибтидо нисбат ба асари кадом рассом истифода шудааст?
3. Аз рассомони импрессионист киҳоро медонед?
4. Кадом ҷараён ва самтҳои санъати тасвириро медонед?
5. Рассомони импрессионист дар асарҳои худ чӣ гуна манзараҳоро тасвир кардаанд?

Иллюстратсияҳои оиди импрессионизмро дар китоби дарсӣ таҳлил карда, аз рӯйи таассуроти худ кори мустақил омода кунед.

1. То охири асри XIX дар Париж намоишгоҳи анъанавӣ бо номи "Салон" баргузор мешуд.
2. Асарҳои импрессионистҳоро афсари баҳрии дар захира буда Пол Дурал-Рюл ба маблағи 20 франкӣ харида буд. Вай баъдтар ҳар яки ин асарҳоро 100 баробар қимат фурӯхт.
3. Дохилшавӣ ба намоишгоҳҳои якуми импрессионистҳо 1 франк буд.
4. Онҳоеро, ки бо савдои картина машғул буданд, маршанҳо меномиданд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 4

# КОР КАРДАНИ МАНЗАРА БО УСЛУБИ ПУАНТИЛИЗМ

**Пуантилизм** (фаронсавӣ "pointillisme", "point" – нуқта) дар Фаронса дар охири асри XIX ҳамчун як ҷараёни мустақили санъати тасвирӣ пайдо шуд.

Бо ин усул рангҳои софро тавассути кор кардан дар шакли нуқта ё чоркунҷаҳо тасвир ҳосил карда мешавад. Рассомони фаронсавӣ аз қабили Пол Синяк, Жорж Сёра ва Анри Эдмон Крос аввалин рассомоне буданд, ки бо услуби пуантилизм эҷод кардаанд. Аз рассомони Ӯзбекистон Рассоми халқӣ Анвар Мирсоатов, Зуҳриддин Исломшиков, Дилюс Мирсалимов бо услуби пуантилизм як қатор асарҳо офаридаанд.



*Расми* 15. Манзараи бо услуби пуантилизм коркардшуда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар расме, ки бо услуби пуантилизм коркард шудааст *(расми 15)* рассом бо истифода аз рангҳои чоркунҷаи ранга манзараи деҳоти кӯҳистонро тасвир кардааст. Рассом дар тасвири манзара рангҳоро паҳлӯ ба паҳлӯ ва болои ҳам ҷойгир кардан, рангҳои контрастро истифода бурдааст.



*Расми* 16. Манзараи жанри маринистии бо услуби пуантилизм коркардшуда

Дар иллюстратсияи дуюм *(расми 16)* контрасти рангҳои гарм ва сардро дидан мумкин аст. Дар ин рассом рангҳои гармро дар планҳои пеш ва қафо, дар плани мобайнӣ рангҳои сардро истифода бурдааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 17. **Эдуард Мане.** Боғи рассом

Дар иллюстратсияи сеюм *(расми 17)* контрасти рангҳои гарм ва сардро дидан мумкин аст.

Дар зер марҳилаҳои коркарди манзара бо услуби пуантилизм тасвир ёфтааст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**АСҚАРАЛИ СУЛАЙМОНОВ**

МАРҲИЛАҲОИ КОР КАРДАНИ МАНЗАРА БО УСЛУБИ ПУАНТИЛИЗМ



1



2



3

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






Дар марҳилаи якуми иҷрои кори амалӣ бо услуби пуантилизм намуди расми кашидашаванда ишорат карда мешавад ва манзара бо қалам бо хатҳои ёрирасони сабук тасвир карда мешавад. Дар марҳилаҳои баъдина, рангҳоро бо тобишҳои наздик молида, намуди рангини тасвир ҳосил карда мешавад. Дар марҳилаҳои аввал ба манзара аз рангҳои равшан замина ҳосил кардан ҳам мумкин аст. Аммо ин ранг набояд монеа шавад, то нишон диҳад, ки манзара бо услуби пуантилизм тарҳрезӣ шудааст. Дар ин раванд рангҳои торикро дар сатҳи рӯшноӣ, рангҳои равшанро дар сатҳи торик, тавре ки дар тасвири иллюстратсияи боло тавсиф карда шудааст, молидан тавсия дода мешавад. Ба унсурҳои манзара мувофиқи дуру наздикии онҳо ранг интихоб кардан лозим. Ҳамин тариқ, дар тасвир перспективаи ҳаво ифода меёбад.

1. Истилоҳи "пуантилизм" кадом маъноро ифода мекунад?
2. Кадом рассомони хориҷию ӯзбекистониро медонед, ки бо услуби импрессионизм манзара кор кардаанд?

Кор кардани композитсияи манзара бо услуби пуантилизм.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 5

# КОР КАРДАНИ НАТЮРМОРТ БО УСУЛИ ПУАНТИЛИЗМ

Бо услуби пуантилизм кор кардани натюрморт аз кор кардани манзара каме мушкилтар аст. Зеро мувофиқи қонунҳои перспектива дар манзара бо дур шудан ҷузъиётҳо хурд шуда, аниқии намуди зоҳири паст мегардад. Рангҳо низ бо дур шудан хира гашта, ба ҳаворанг табдил меёбад. Дар натюрморт бошад ҳолати перспектива ва ранг чандон тағйир намеёбад.

Расми зерини бо услуби пуантилизм коркаршударо бодиққат мушоҳида кунед *(расми 18)*. Дар аввал, ба рӯйи тасвир ранги ториктар дода шудааст. Баъд аз ин, рангҳои шаклашон мудаввар молида мешаванд. Бо ин усул аз болои рангҳои торик молидани рангҳои кушод кор фармуда мешавад. Азбаски рангҳои акварелӣ шаффофанд, рангҳо ҳангоми истифодаи такрорӣ торик мешаванд. Бинобар ин дар кор кардани натюрморт бо услуби пуантилизм аз ранги гуаш истифода бурдан лозим аст.

Дар натюрморт рангҳои кушод ҳамчун қабати ниҳоӣ дода мешаванд. Онҳо барои дар плани дуюм буданашон, чунин усул истифода шудааст.

Бо услуби пуантилизм дар кор кардани натюморт ҳамчун ба сифати қабати аввал ранги кушод додан мумкин аст. Дар марҳилаҳои минбаъдаи кор рангҳои мувофиқи ранги ҳар як ашё ва меваҳо паҳлӯ ба паҳлӯ молида шуда, зина ба зина ториктар мегарданд. Дар ин марҳилаи кор ба муносибатҳои рушноӣ ва сояи ҷузъиётҳои натюрморт диққати махсус додан лозим аст.



*Расми* 18. Натюрморти бо услуби пуантилизм бо ранги гуаш коркардшуда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 19. Натюрморти бо услуби пуантилизм бо ранги акварел коркардшуда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Натюрморти дар поён додашударо бо услуби пуантилизм кор кардан.



*Расми* 20. Натюрморти таълимӣ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**АСҚАРАЛИ СУЛАЙМОНОВ**

МАРҲИЛАҲОИ КОР КАРДАНИ НАТЮРМОРТ БО УСУЛИ ПУАНТИЛИЗМ



1



2

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




3


4

1. Дар коркарди тасвир бо услуби пуантилизм аз кадом рангҳо истифода мебаранд?
2. Кор кардани расм бо услуби пуантилизм бо акварел ё ранги гуаш бо чиҳояш фарқ мекунад?
3. Ҳангоми ифодаи андозаи ашё дар коркарди натюрморт бо услуби пуантилизм ба чиҳо эътибор додан лозим аст?

Ба тавр мустақилона кор кардани натюрморти соддаи аз ашёҳои рӯзгор иборатбуда.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# КОРИ НАЗОРАТӢ
## КОР КАРДАНИ МАНЗАРА ЁКИ НАТЮРМОРТ БО УСЛУБИ ПУАНТИЛИЗМ



*Расми* 21. Манзараи бо услуби пуантилизм коркардшуда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 6

# КОР КАРДАНИ НАТЮРМОРТ БО УСЛУБИ КУБИЗМ

Услуби **кубизм** (аз калимаи фаронсавии "cubisme" гирифта шудааст) барои додани тасаввуроти васеътар дар бораи объекти тасвирёфтаистода ва ашё омада баромадааст. Дар он рассом тасвирро ба воситаи ба шаклҳои геометрӣ "тақсим" кардан ба васеъ кардани тасаввур оиди ашё кӯшиш мекунад. Ин услуб дар Фаронса дар аввали асри XX ба вуҷуд омадааст. Аввалин рассомони бо услуби кубизм эҷод карда Ҷ. Брок, П. Пикассо, Ф. Лете, ва Р. Белонӣ мебошанд.



*Расми* 22. Натюрморти таълимии бо услуби кубизм коркардшуда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 23. Натюрморти бо услуби кубизм коркардшуда. Вариант

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 24. Натюрморти декоративии дар шакли мураккаби бо услуби кубизм коркардшуда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар ташаккули услуби кубизм ҳамчун як самти алоҳидаи санъати тасвирӣ, эҷоди рассоми фаронсавӣ Пол Сезан мақоми хоса дорад.



*Яке аз намояндагони дурахшони импрессионизми фаронсавӣ Пол Сезанн 19 январи соли 1839 таваллуд шудааст. Ҳарчанд санъати тасвирӣ дар коллеҷе, ки ӯ таҳсил мекард, фанни ҳатмӣ буд, аммо дар ин бахш чандон ба комёбиҳо сазовор нагаштааст. Шиносоии ӯ бо рассомони импрессионист, аз қабили Веронезе, Тинторетто, Делакруа ва Домйе, бахусус Камилл Писсарро, дар ташаккули шавқу рағбати ӯ ба рассомӣ нақши ҳалкунанда бозидааст.*

Бо услуби кубизм тасвири натюрмортро бо усулҳои гуногун ба шаклҳои геометрӣ тақсим кардан – гузаронидани хатҳои уфуқӣ ва амудӣ, бо роҳи кашидани хатҳои диагоналӣ, бо кашидани доираҳо шаклҳои гуногун ҳосил кардан мумкин аст. Муҳим он аст, ки ҳар як шакли геометрӣ бояд барои ифода кардани шакл, қисмҳои рӯшноӣ ва сояи ашё мувофиқ бошад.



Хусусияти дигари коркарди натюрморт бо услуби кубизм дар он истифода бурдани унсурҳои декоративӣ мебошад.

Бо услуби кубизм дар кор кардани натюрморт ба шаклҳои ашёҳо эътибор дода, бо ёрии хатҳои самтдори гуногун шаклҳои геометрӣ ҳосил намуда, ба онҳо рангҳои контрастиро ҳам истифода бурдан мумкин аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## МАРҲИЛАҲОИ КОР КАРДАНИ НАТЮРМОРТ БО УСЛУБИ КУБИЗМ БО ЁРИИ ГРАФИКАИ КОМПЮТЕР

1


2


3


4


*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



5



6



- Варианти 1. Ашёҳои дар натюрморт додашударо ба шаклҳои геометрӣ ҷудо карда бо услуби кубизм тасвир намудан.
- Варианти 2. Натюмортро бо ёрии графикаи компютер бо услуби кубизм тасвир намудан.

1. Маънои луғавии истилоҳи “кубизм” чист?
2. Самти кубизми санъати тасвирӣ кай ва дар куҷо пайдо шудааст?
3. Аз рассомоне, ки аввалин асарҳои санъати тасвириро бо услуби кубизм офаридаанд, киҳоро медонед?

Ба таври мустақилона бо услуби кубизм кор кардани натюрморт.

- Дар солҳои мактабхонӣ Пол Сезанн қобилияти омӯзиши риёзӣ, забонҳои лотинӣ ва юнонӣ дошт. Сезанни табиатан эҷодкор бо забони фаронсавӣ шеърҳо менавишт.
- Сезанн танҳо 3 намуд рангро: кабуд, сабз ва қаҳваранг (охра) бо сафед омехта карда, зиёда аз 800 асарҳои рангтасвир офаридааст.
- Сезанн инчунин бо акварел силсилаи асарҳо кор кардааст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ЧОРЯКИ 2




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Мавзӯи 7

# БО ЁРИИ БАРНОМАИ ГРАФИКӢ КОР КАРДАНИ ДИЗАЙНИ МУҚОВАИ КИТОБ

Яке аз хусусиятҳои хоси графикаи муосири китоб графикаи тасвирро бо ёрии барномаҳои графикӣ кор кардан аст. Яке аз чунин барномаҳо муҳаррири графикаи вектории CorelDRAW мебошад. Ин барнома дорои бисёр маҷмӯаи эффектӣ мебошад. Аз сабаби осонии интерфейси барнома, имкон дорад, ки дар як муддати кӯтоҳ дар бораи имкониятҳои асосии он тасаввурот пайдо кунед.

Тасвири векторӣ тасвирест, ки танҳо аз нуқтаҳо (гиреҳҳо) ва хатҳои ба ҳам пайвасткунандаи ин нуқтаҳо ҷудошуда иборат аст.

Дар графикаи векторӣ, тасвир ба хатҳое, ки *вектор* ном дорад, асос ёфтааст ва хусусиятҳои ба онҳо таъин кардани параметрҳои гуногун, аз қабили ранг, ғафсии хат ва ҷойгиршавӣ, барои рассоми ородиҳандаи китоб қулайиҳо меофарад. Тасвири векторӣ ҳатто ҳангоми тағйир додани андоза сифати худро нигоҳ медорад ва ба шумо имкон медиҳад, ки объектҳои алоҳидаро таҳрир кунед.

Яке аз бартарияти барномаи CorelDRAW интерфейси қулай ва ба осонӣ танзимшавандаи он мебошад. Оинаи барнома аз бисёр элементҳои ёрирасон иборат аст.

Вақте ки шумо барномаро дар компютери худ насб мекунед, нишонаи зерин намоён мешавад. Шумо метавонед бо ду маротиба пахш кардани тугмаи чапи мушак дар ин нишона ба барнома ворид шавед.




*Нишонаи барномаи CorelDRAW*

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҳангоми кор дар муқоваи китоб элементҳо аз қабили “Сарменю”, “Панели стандартӣ”, “Панели хусусиятҳо”, “Панели асбобҳо”, “Палитраи рангҳо” истифода мебаранд.




*Намуди умумии оинаи барномаи CorelDRAW*

## КОРИ АМАЛӢ

Дар барномаи CorelDRAW лоиҳаи дизайни муқоваи китоби дарсии “Санъати тасвирӣ”-и синфи 7-умро кор кардан.

Бо истифода аз шакли чоркунҷаи панели асбобҳо чоркунҷаи ихтиёрӣ кашида мешавад. Ба функсияи андозагирии панели хусусиятҳои ворид шуда, андозаи зарурӣ (418x300 мм) ворид карда мешавад.



*Андозаи умумии муқоваро муқаррар кардан*

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Бозгашт ба ин амалиёт, андоза ба 378x260мм муқаррар карда мешавад. Чоркунҷаи якуми ҳосилшударо бо ёрии мушак муқаррар карда, тугмаи Shift-ро аз клавиатура пахш карда, ба болои хати чоркунҷаи дуюм мушакро бурда, тугмаи чап пахш карда мешавад. Дар натиҷа, ҳарду шакл муайян карда мешаванд. Пас ҳарфҳои “C” ва “E” (“Center” – марказ)-ро дар клавиатура пайдарпай пахш карда шавад, чоркунҷаи хурд ба таври худкор дар маркази чоркунҷаи калон ҷойгир мешавад.



*Муайян кардани сатҳе, ки дар он тасвир офарида мешавад*



*Нишон додани пеш ва пушти муқоваи китоб*

Чоркунҷаи андазоааш калон муқоваи китоб ҳисобида мешавад. Аз маркази он хати амудӣ гузаронда чоркунҷа ба ду қисми баробар ҷудо карда мешавад. Аз марказ ба ду тараф масофаи ба 15 см баробар гузошта мешавад. Тарафи рости чоркунҷа қисми пеши муқоваи китоб ва тарафи чапи он бошад қисми қафо мешавад. Чоркунҷаи хурд ҳамчун сарҳад барои ҷойгиркунии зебои навиштҳо ва расмҳо дар муқоваи китоб хизмат мекунад.

Дар марҳилаҳои минбаъда равандҳои ранг кардани муқоваи китоб, расм гузоштан, татбиқи эффектҳои гуногун, кор бо шрифтҳои навишт иҷро карда мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






*Интихоби ранг ва шрифт барои муқова*




*Варианти ниҳоии муқоваи китоб*



1. CorelDraw чӣ гуна барнома аст?
2. Вектор чист?
3. Графикаи векторӣ имрӯзҳо дар кадом соҳаҳо васеъ истифода мешавад?
4. Муқоваи китоб дар барномам CorelDraw бо чӣ гуна пайдарпайи кор карда мешавад?



Кор кардани варианти муқоваи китоб бо барномаи CorelDraw.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 8

# ИЛЛЮСТРАТСИЯИ КИТОБ

**Иллюстратсия** аз калимаи лотинии “illustratio” гирифта шуда, маънояш “равшан кардан”, “тасвири намоишдор” мебошад. Иллюстратсияҳо аввал дар китобҳои дастнависи Юнон, Рим ва баъдтар дар Мисри Қадим, Хитой ва Осиёи Миёна офарида шудаанд.

Иллюстратсияҳои дар асарҳои дастнависи Осиёи Миёна офаридашуда дар шакли миниатюра коркард шудааст.



*Расми* 25. Миниатюра-иллюстратсияи ба асари Абдураҳмони Ҷомӣ коркардшуда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





Технологияҳои нашри китоб, санъати графика ривоҷ ёфта, офаридани усул ва техникаҳои гуногуни илюстратсия ихтироъ карда шуд. Рассомони ориши китоб аз техникаҳои коркарди зерини илюютратсия гравюра, линогравюра, ксилография ва офорт истифода бурдаанд.



*Расмҳои* 26–27.
**Қутлуғ Башаров.**
Илюстратсияҳои ба лирикаи Нодира коркардшуда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Ҳамчун рассом иллюстратор маҳорати бадеӣ – тасвирии ӯ расмҳои ба китоби “Таърихи Ватан дар расмҳо” кор кардааш намоён гардидааст, Абдуқаҳҳор Маҳкамов соли 1947 дар шаҳри Тошканд таваллуд шудааст. Дар коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи П.Бенков ва ҳоло дар Донишкадаи миллии рассомӣ ва дизайни ба номи Камолиддини Беҳзод таҳсил кардааст.*

*Абдуқаҳҳор Маҳкамов аз соли 1982 то соли 1992 дар нашриёти "Чӯлпон" ба ҳайси саррассом кор карда, дар нашри китобҳои ороёдодашудаи бадеӣ барои кӯдакон дар кишвар саҳми арзанда гузоштааст. Аксари асарҳои рассом дар Осорхонаи давлатии санъати Ӯзбекистон, дар коллексияҳои шахсии санъати дӯстдорони ИМА, Нидерландия, Англия, Туркия ва Русия маҳфузанд. Силсилаи асарҳои графикии Абдуқаҳҳор Маҳкамов таҳти номҳои умумии “Таърихи Ватан”, “Роҳи бузурги абрешим” ҳамчун намунаҳои нодири санъати тасвирии Ӯзбекистон эътироф шудаанд. Рассом дар иллюстартсияҳои худ дар силсилаи “Афсонаҳои халқҳои ҷаҳон” маҳорати эҷодии худро нишон додааст. Ҳамчун яке аз рассомоне, ки тафсири муосири миниатюраҳои санъати шарқро идома дода, барои бисёр сарчашмаҳои адабӣ, бахусус афсонаҳои халқии ӯзбек як силсила тасвирҳо офаридааст. Маҳорати ӯ ҳамчун рассоми ороиши китоб дар иллюстратсияҳои коркаршуда ба китоби “Лавҳаҳои таърихӣ дар расмҳо” пурра намоён гардидааст.*



*Расми* 28. **Абдуқаҳҳор Маҳкамов.** Иллюстратсияи коркардшуда ба афсонаи "Зиёди баҳодур"

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Иллюстратсияҳои ба китобҳо коркардшаванда, вобаста ба вазифаашон гуногун мешаванд. Бисёртар иллюстратсияҳо ба асарҳои адабӣ кор карда мешаванд. Инчунин ин иллюстратсияҳо ҳам ба ду навъ ҷудо мешаванд: иллюстартсияҳои ба сарчашмаҳои таърихӣ ва муосир коркардшуда.



*Расми* 29. Иллюстратсияи ба асари "Садди Искандарӣ"-и Алишер Навоӣ коркардшуда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 30. Бобур дар Ҳирот дар хонадони Султон Ҳусайн. Иллюстратсияи ба "Бобурнома" коркардшуда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ба иллюстратсияҳои таърихӣ иллюстарсияҳои миниатюрии ба “Хамса”-и Алишер Навоӣ *(расми 29)* ва “Бобурнома”-и Заҳириддин Муҳаммад Бобур *(расми 30)* коркардшударо ҳамчун мисол овардан мумкин аст. Дар ин асарҳо воқеияти таърихӣ аниқ тасвир ёфтааст. Инчунин иллюстартсияҳои коркардшуда дар мавзӯъҳои таърихӣ аз ҷониби рассомони муосир ҳам оиди шарҳи воқеаҳои таърихӣ мешаванд. Тасвирҳои коркардаи рассоми ороиши китоб Абдуқаҳҳор Маҳкамов ба китоби “Лавҳаҳои таърихӣ дар расмҳо” аз ҷумлаи чунин корҳо мебошанд *(расми 31)*.




*Расми* 31. **Абдуқаҳҳор Маҳкамов.** Иллюстратсияҳои ба китоби бо номи “Лавҳаҳои таърихӣ дар расмҳо” коркардшуда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





Тасвирҳои ба китоби дарсӣ, луғати шарҳӣ ва энсиклопедияҳои гуногун коркардшуда, ҳам иллюстратсияҳои китоб ҳисобида мешаванд. Онҳо асосан мазмуни илмӣ ва техникӣ доранд.

*Расми* 32. **Константин Чепраков**. Иллюстратсияи ба лирикаи Фузулӣ коркардшуда

**ЗИЛОЛА СУЛАЙМОНОВА**

МАРҲИЛАҲОИ КОР КАРДАНИ ИЛЛЮСТРАТСИЯ БА АСАРИ БАДЕӢ

1



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



2



3



4



5



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






Бо ёрии эскизҳо дар асоси сюжети асар кор кардани иллюстратсия.


1. Калимаи “иллюстратсия” чӣ гуна маъноро ифода мекунад?
2. Аз рассоми ороиш китоби ӯзбекистонӣ киҳоро медонед?
3. Иллюстратсияҳои китоб ба кадом навъҳо ҷудо мешаванд?


Ба таври мустақил ба асари адабии сюжеташ шинос кор кардани иллюстратсия.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# КОРИ НАЗОРАТӢ

## КОР КАРДАНИ ИЛЛЮСТРАТСИЯ БА ЯКЕ АЗ МАВЗӮЪҲОИ ДАР ДАРСҲОИ АДАБИЁТ ОМӮХТАШУДА



*Расми* 33. Иллюстратсия оиди мактаби миниатюраи Табрез

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 9

# КОМПОЗИТСИЯИ ГРАФИКИИ ШРИФТӢ

**Шрифт** (аз олмонӣ “schreiben” – “навиштан”) – нақшаи графикии ҳарфҳо ва аломатҳо буда, дорои сохтори хоси стилистикӣ ва композитсионӣ, андозаи маълум ва маҷмӯи аломатҳои нақшдорро ташкил медиҳад.

Композитсияи шрифт ин сохти композитсия ё сохтори асари графикии шрифтдор буда, ҷойгиршавии ҷолиб ва пайвастагии ҳамаи қисмҳои асосии он мебошад. Унсурҳои композитсияи шрифтӣ: аломатҳои алоҳидаи шрифтӣ (ҳарфҳо, рақамҳо, унсурҳои онҳо, аломатҳои пунктуатсия), калимаҳо, ибораҳо, сатрҳои алоҳидаи матн ва блокҳои матн.

Дар асоси шрифт қонуниятҳои асосии композитсия (ритм, контраст, фазо), инчунин тамоюлҳои эстетикӣ (образи ҳарф, услуб) омӯхта мешаванд. Композитсияи шрифтӣ низ ба якчанд намудҳо ҷудо мешаванд. Инҳо:

1. Офаридани образи ифодакунандаи маънои калима бо ёрии ҳарфҳо.
2. Офаридани каллиграмма дар вобастагии матн ва тасвир.
3. Офаридани иллюстратсияи шрифтӣ.



Дар офаридани образи ифодакунандаи калима бо ёрии ҳарфҳо, дар натиҷаи таҳлил намудани маъно, вазифаи функсионалӣ, хусусият ва аломати калима композитсияи графикии он сохта мешавад.



*Расмҳои* 34–35. Вариантҳои композитсияи шрифтӣ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 36. Аз шрифтҳо ба мазмуни композитсия ба тарзи мувофиқ истифода бурдан

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Тасвири графикие, ки матн ва тасвирро бо ҳам мувофиқ мекунанд, *каллиграмма* номида мешавад. Дар каллиграмма тасвир бо роҳи мувофиқ кардани матн ба контури тасвири кашидашуда иллюстратсия офарида мешавад.

Агар тасвир ба ҳаракати матн итоат кунад, мувофиқи ритми он ҳаракат кунад, яклухтии умумии композитсияи тасвирии шрифтӣ таъмин мегардад.




*Расми* 37. Аз шрифтҳо ба  мазмуни композитсия ба тарзи мувофиқ истифода бурдан



*Расми* 38. Вариантҳои офаридани композитсияи мавзӯӣ аз матни шрифтӣ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Каллиграммаҳо аз ҷиҳати композитсия мураккаб шуданаш мумкин аст. Ба калиграммаи мукаммали композитсионӣ ҳамчун мисол намунаҳои санъати хаттотии исломро овардан мумкин аст *(расми 39)*.



*Расми* 39. Композитсияи каллиграфикӣ

Яке аз ҷиҳатҳои ҷолиби офаридани иллюстратсияи шрифтӣ – мавҷуд будани имконияти офаридани тасвир истифода аз шаклҳои ҳарф мебошад. Аз ягон калима ёки ҳарфҳо образҳои гуногун, офаридани логотип ва кашидани расмҳо мумкин аст *(расмҳои 34–42)*.



*Расми* 40. Композитсияи динамикии шрифтӣ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 41. Композитсияи динамикии шрифтӣ. Вариант



*Расми* 42. Ҳосил намудани тасвири графикии шрифтӣ аз тасвири реалӣ

1. Шрифт гуфта чиро мефаҳмед?
2. Композитсияи шрифтӣ чист?
3. Кадом намудҳои композитсияи шрифтиро медонед?
4. Калимаи “каллиграмма” чӣ гуна маънoро ифода мекунад?

1. Офаридани  образи ифодакунандаи маънои калима аз ҳарфҳо.
2. Офаридани образи ёдгории меъморӣ аз шрифтҳои гуногунандоза ва гуногунуслуб.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 10 КОР КАРДАНИ ТАСВИР БО ТЕХНИКАИ КОЛЛАЖ

**Коллаж** (фаронсавӣ “collage” – “ширеш кардан”) – техникаи санъати тасвирӣ, ки ба шумо имкон медиҳад, ки маводҳои гуногун (фотосурат, картон, маводи табиӣ ва монанди инҳо) дар як композитсия якҷоя карда шавад. Дар асарҳое, ки бо истифода аз техникаи коллаж сохта шудаанд, тасвир тавассути часпондани маводҳо ба сатҳ аз ҷиҳати ранг ва текстура фарққунанда эҷод карда мешавад.

Якчанд намуди техникаи коллаж вуҷуд дорад.

**1. Декупаж** (фаронсавӣ *découper* – “буридан”) – техникаи ороишӣ бо роҳи часпондан ва лак кардани коғазҳои гуногун ба рӯйи ашё.



*Расми* 43. Ҳосил кардани тасвир бо техникаи декупаж

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**2. Скрапбукинг** (англисӣ маъноҳои *scrap* – “пора”, book – “китоб”-ро мефаҳмонад) – техникаи ороиши фотоалбомҳои оилавӣ, китоб ва табрикномаҳо бо матоъ, коғаз, бисер ё дигар маводҳои табиӣ (гулҳои хушккардашуда, баргҳо) мебошад.









*Расми* 44. Ҳосил кардани тасвир бо техникаи скрапбукинг

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**3. Квиллинг** (англисӣ “quilling” – парҳои парранда) як намуди санъати ороишии амалӣ буда, дар он аз тасмаҳои коғази печида композитсияи ҳаҷмдор ё ҳамвор сохта мешавад.



*Расми* 45. Ҳосил кардани тасвир бо техникаи квиллинг

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**4. Сохтани коллаж аз фотографияҳо** – ин сохтани композитсияи бутун бо роҳи якҷоя кардани якчанд фототасвирҳо дар рӯйи як картина аст. Дар он расмҳоро ба рӯйи картина ба тарзи бетартибона ё баръакс бо тартиби муайян ҷойгир кардан мумкин аст. Дар ин намуди коллаж ба ғайр аз фотографияҳо, аз навиштаҷотҳои гуногун, иллюстратсияҳо, ороишиҳои декоративӣ низ истифода бурдан мумкин аст.



*Расми* 46. Фотоколлаж



*Расми* 47. Композитияи бо техникаи коллаж коркардшуда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## МАРҲИЛАҲОИ КОР КАРДАНИ ПОРТРЕТ БО ТЕХНИКАИ КОЛЛАЖ




1. Дар марҳилаи аввали эҷоди коллаж эскиз омода карда мешавад. Дар эскиз ғояи тасвир дар коғаз то хурдтарин ҷузъиёти тасвир сабт карда мешавад.
2. Ҳалли рангаи образеро, ки шумо эҷод мекунед, дар ҳолати умумӣ ранг кунед. Масалан, рӯй ва кафти одам дар ранги зард шуда метавонад. Инчунин ранги либос ва дигар ороишҳоро муайян кунед.
3. Аз саҳифаҳои маҷаллаву рӯзномаҳои нолозим қисмҳо бо рангҳои барои композитияи шумо зарурӣ бурида ва ба қисмҳои даркории эскиз часпонда мешаванд. Бо ҳамин тарз давом дода, композитсия анҷом меёбад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



1. Коллаж чӣ хел намуди санъат аст, кадом навъи онро медонед?
2. Калимаи "декупаж" чиро ифода мекунад?
3. Имкониятҳои эҷодии санъати скрапбукинг кадомҳоянд?
4. Дар санъати квиллинг ҳамчун маводи асосии эҷодӣ чӣ истифода мешавад?

*Аввалин рассоме, ки дар техникаи коллаж эҷод кардааст – рассоми олмонӣ Курт Швиттерс (1887–1948) мебошад.*




*Расми* 48. Композитсияи абстрактии бо техникаи коллаж коркардшуда

Техникаи дар боло овардашударо истифода бурда композитсияи коллажро дар мавзӯи озод офаридан.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 49. Қисми тасвири бо техникаи коллаж коркардшуда

Техникаи скрапбукинг дар асри XX пайдо шудааст. Дар ин давра одамон китобҳои ашъор, рӯзномаҳои худро бо пораҳои гуногуни рӯзномаҳо, ашёҳои хотиравӣ оро медоданд.

Кор кардани композитсия бо техникаи коллаж.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ЧОРЯКИ
# 3

*Книга предоставл
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 11

# ПОРТРЕТ ДАР ҲАЙКАЛТАРОШӢ

Портрет яке аз жанрҳои асосии ҳайкалтарошӣ мебошад. Талаби аввалин барои портрет – шабоҳат: ифода кардани шабоҳати шахси тасviршаванда ва ҳайкал аст. Аммо шабоҳат танҳо бо сифатҳои беруна маҳдуд намешавад. Ҳайкалтарош бояд ҳолати рӯҳӣ (ифодаи ғам, шодӣ, афсурдагӣ ва дигар ҳолатҳо), хислатҳои хоси шахси тасвиршавандаро ошкор намояд.



*Расми* 50. **Максим Макаревич.** Нимпайкараи Алишер Навоӣ



*Расми* 51. **Ҷасвант Аназаров.** Нимпайкараи Фурқат



*Расми* 52. **Дмитрий Рябичев.** Монументи ҷасорат

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар коркарди портрет қисми рӯйи сар аз гардан ба пеш мебарояд. Пас аз пайдо шудани ҳолати умумии сар, ҷузъиёти хурди рӯй кор карда мешавад.



*Расми* 53. Асбобҳои кории дар дарсҳои ҳайкалтарошӣ истифодашаванда

## МАРҲИЛАҲОИ КОР КАРДАНИ ҲАЙКАЛИ ҲОЛАТИ ҲИССӢ ИНЪИКОСЁФТА




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



4



5



Дар марҳилаи навбатӣ ба гӯшҳо ва лабҳо ҳаҷми иловагӣ дода мешавад. Барои ин аз пораҳои дигари пластилин истифода мебаранд. Мӯйҳои ҷингилаи нафис аз пораҳои алоҳидаи пластилин тасвир карда мешавад.

Ҳангоми коркарди қисми чашм аз пластилини андозааш хурд шарҳо сохта, дар дохили курраи чашм мегузоранд, пилкҳои боло ва поёнро бо ёрии стек коркард мекунанд. Дар марҳилаи ниҳоӣ абрӯ ва мӯйҳои ҷингилаи портрет кор карда мешавад.

Бо истифода аз пластилин ё гил портрети ҳиссиёт ифодаёфтаро кор кардан.

1. Дар намуди ҳайкалтарошии санъати тасвирӣ кадом жанрҳо мавҷуданд?
2. Портрет дар ҳайкалтарошӣ чист ва он ба кадом намудҳо тақсим мешавад?
3. Дар кор кардани портрет ба кадом талабҳо амал карда мешавад?
4. Нимпайкара гуфта чиро мефаҳмед?

Аз пластилин ё гил бо усули горейлеф тасвири барҷастаи портрети одамро кор кардан.

Дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ҳайкалҳои алломаҳои ӯзбек гузошта шудаанд. Ҳайкалҳои Алишер Навоӣ дар шаҳрҳои Токио (Япония), Минск (Белорус) ва Маскав (Федератсияи Русия), ҳайкали Аҳмад ал-Фарғонӣ дар Қоҳира (Миср), Мирзо Улуғбек дар Рига (Латвия), дар Кортрейк (Белгия) ва Рюей-Малмезон (Фаронса) ҳайкалҳои Ибни Сино вуҷуд доранд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 12
# АЗ МАВОДҲОИ ҲАЙКАЛТАРОШӢ СОХТАНИ АШЁҲОИ ДЕКОРАТИВӢ

Дар ҳайкалтарошӣ вазифаҳои таълимӣ бо истифода аз маводҳои нарм иҷро карда мешаванд. Маводҳои нарми ҳайкалтарошӣ – истифодаи фарфори хунук, чинниии хунук як қатор афзалиятҳо дорад. Ҳамчун маводи пластикӣ, аз онҳо рангҳои соф эҷод кардан мумкин аст.

Маводи пластикӣ бо тартиби зерин омода карда мешавад.

3 қошуқи ош ширеши маркаи PVA № 801, 2 қошуқи ош равғани писта, 1 қошуқи ош глитсерин, 1/3 қошуқи кислотаи лимуи ва 4,5 қошуқи ош крахмали ҷуворимакка омехта карда мешавад. Ин масса мисли хамир коркард шуда, пухта мегардад. Дар марҳилаи баъдӣ андозаи ашё вобаста ба андозаи пораҳо ба қисмҳои хурд тақсим карда мешавад ва бо илова кардани ранги гуаш пораҳои ранга сохта мешаванд. Агар ин маҳлулро ба селлофан печонда нигоҳ доранд, муддати дароз хусусияти пластикии худро гум намекунад.



*Расми* 54. Ашёи декоративии аз маводи пластикӣ тайёркардашуда

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Гили кулолгарӣ дар сохтани ашёи декоративӣ дар ҳайкалтарошӣ низ истифода мешавад. Гили кулолгарӣ аз рӯйи хусусиятҳои пластикии худ барои сохтани ашёи декоративӣ маводи қулай ҳисобида мешавад. Дар поён марҳилаҳои сохтани ашёи декоративӣ – қаламдон аз гили кулолгарӣ оварда шудааст.

## ҶӮРАБЕК ИШМАТОВ
## АЗ ГИЛИ КУЛОЛГАРӢ МАРҲИЛАҲОИ СОХТАНИ ҚАЛАМДОНИ ДАР ШАКЛИ ДЕКОРАТИВӢ



1

2





3

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



4





5

6



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар марҳилаи аввал порчаҳо мувофиқи шаклҳои композитсия, тавре ки дар расмҳои боло нишон дода шудаанд, омода карда мешаванд. Пас онҳоро ба намуди шакли худ оварда, бо усули ба ҳам часпондан композитсияи яклухти қаламдон шакл мегирад. Дар натиҷа монанди расми дар поён овардашуда, ҳайкалчаи декоративӣ ҳосил мешавад *(расми 55)*.



*Расми* 55. Ашёи дар шакли декоративӣ – варианти охирини композитсияи қаламдон

1. Дар тайёр кардани маводи пластикӣ барои фарфори хунук ё хамири чинӣ чӣ гуна маводҳо лозим аст?
2. Барои ранг кардани қисмҳои маводи пластикӣ чӣ гуна ранг истифода мешавад?
3. Кадом усулҳо барои сохтани шаклҳои гуногун аз маводи пластикӣ истифода мешаванд?

Мустақилона хамири чинӣ тайёр карда, ашёи ихтиёрӣ, ҳайкалчаи ҳайвон ё паррандаро кор кардан.

Дар бобати кор кардани ашёҳои декоративӣ, ки мактаби ба худ хос бунёд кардааст, асарҳои устои ўзбекистонӣ Ҳамробибӣ Раҳимова дар осорхонаҳои бонуфузи Лувр (Фаронса), осорхонаи керамикаи Чаҳон (Италия), Эрмитаж (Русия) нигоҳ дошта мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 13

# КОР КАРДАНИ ҲАЙКАЛИ ФУНКСИОНАЛӢ-ДЕКОРАТИВӢ БАРОИ ДИЗАЙНИ ЛАНДШАФТ

Ҳайкали функсионалӣ бояд ягон муҳитро аз ҷиҳати эстетикӣ оро диҳад, вазифаи функсионалии мушаххасро иҷро кунад. Ҳайкалҳои функсионалӣ-декоративӣ гуфта, образҳои гуногуни чароғҳо, мебелҳо, фавзораҳо, чатрҳо, лағжандаҳои майдончаҳои кӯдакон фаҳмида мешаванд.







*Расмҳои* 56–58. Намунаҳои декоративии ҳайкалтарошӣ дар шакли чароғ

Ҳайкалчаи декоративӣ-функсионалӣ барои ландшафти боғ ё барои интерйер дар шакли гулдони соддакардашудаи ба монанди одам сохтан мумкин аст. Барои ин коғаз, қалам, гил ё пластилин лозим аст, ки дар ҳайкалтарошӣ истифода мешаванд.

Аввал эскизи кор кашида мешавад. Пеш аз ҳама муайян карда мешавад, ки ҳайкал кадом вазифаро иҷро мекунад ва дар куҷо ҷойгир мешавад.

Дар марҳилаи навбатӣ ҳалли бадеии ҳайкал ба коғаз кашида мешавад. Пас аз муайян кардани шакл, ҳалли пластикӣ, мафҳум ва ҷойгиршавии ҳайкал дар манзара, намунаи ҳайкалча дар асоси эскизи офаридашуда кор карда мешавад.

Дар ҷараёни сохтани ҳайкал ба бехатарии техникӣ, қоидаҳои гигиенӣ ва сарфакорона истифода бурдани маводҳо диққат додан лозим аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 59. Намунаҳои декоративии ҳайкалтарошӣ дар шакли гулдон

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 60. **Эркин Низомов.** Чароғҳои декоративӣ барои дизайни ландшафт



*Расми* 61. **Ҷӯрабек Исматов.** Чароғҳои декоративӣ барои дизайни ландшафт

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE







*Расми* 62. **Ҷӯрабек Ишматов.** Ҳайкалчаҳои функсионалӣ-декоративӣ *барои* дизайни ландшафт

1. Ҳайкалтарошии функсионалӣ аз дигар намудҳои ҳайкалтарошӣ чӣ фарқ дорад?
2. Намунаҳои ҳайкалтарошии функсионалӣ кадом вазифаҳоро иҷро мекунанд?

Намунаи эскизи ҳайкалтарошии функсионалиро кор кардан ва дар асоси ин эскиз кори амалӣ иҷро намудан.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 14

# КОР КАРДАНИ ПАННОИ ДЕКОРАТИВӢ ДАР ҲАЙКАЛТАРОШӢ. РЕЛЙЕФ

**Релйеф** (фаронсавӣ “relief” – “тасвири барҷаста дар сатҳи ҳамвор”) як навъи ҳайкалтарошӣ буда, ки дар ҳамворӣ барҷаста ёки баръакс, кандакорӣ карда кор карда мешавад. Релйеф ба се намуд тақсим мешавад: чуқургардонидашуда (контррелйеф), барелйеф ва горелйеф.

Релйефҳои чуқургардонидашуда нисбат ба сатҳи ҳамвор ба дарун канда кор карда мешавад. Ин намуди релйеф дар Мисри Қадим васеъ истифода шудааст. Девору сатҳи аҳром ва сутунҳои азим бо релйефҳои контррелйефӣ оро дода шудаанд *(расми 63)*.

Намунаҳои барелйефро (фаронсавӣ “bas-relief” – “барҷастаи паст”) дар “Боғи Ғалаба”, боғи “Ӯзбекистони Нав”-и шаҳри Тошканд, дар интерйерҳои истгоҳҳои метрополитени Тошканд дидан мумкин аст. Дар композитсияҳои барелйефӣ тасвир аз ҳамворӣ барҷаста тасвир шудааст, аммо дар маҷмӯъ он бидуни ҷудоӣ аз сатҳи ҳамвор ифода шудааст *(расми 64)*.

Образҳои бо горелйеф (франсавии “haut-relief” – “барҷастаи баланд”) тасвирёбанда бо барҷастагии зиёда аз нисфи ҳаҷм ифода меёбад *(расми 65)*.



*Расми* 63. Релйефи чуқургардонидашуда (контррелйеф). Мисри қадим

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 64. Барелйеф. Боғи "Ӯзбекистони Нав". Тошканд



*Расми* 65. Горелйеф. Боғи "Ӯзбекистони Нав". Тошканд

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Пеш аз сохтани паннои декоративӣ дар шакли барелйеф, ғояи композитсияро ба коғаз кашида гирифтан лозим аст *(расми 67)*. Дар марҳилаи баъдина барои кор кардани композития аз пластилин бо андозаи 10x15см пласти ҳамвор сохта, ба болои он композитсияи дар коғаз будаеро ҷойгир карда, бо қалам тасвир ҳосил карда мешавад. Аз болои тасвири ба сатҳи пластилин фаромада, ҳаҷм дода мешавад *(расми 68)*.

Дар ҷараёни сохтани паннои декоративӣ бо гузоштани гил тадриҷан ба болои тасвир ҳаҷм пур карда мешавад. Дар ин раванд, бояд ба дурустии шакл дар тасвир аҳамият додан лозим аст. Ҳангоми ҷараёни кор ба ғафсӣ ва пластикии қисмҳои алоҳидаи релйеф диққат додан лозим аст.





*Расми* 66. Вариантҳои паннои декоративии релйефмонанд



*Расми* 67. Эскизи паннои декоративӣ дар шакли барелйеф

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 68. Паннои декоративии дар шакли барелйеф

Кор кардани паннои декоративии товус дар асоси тартиби сохтани намунаи болоӣ барои сохтани ҳайкалтарошии декоративии барҷаста.

1. Истилоҳи “релйеф чӣ гуна маъноро ифода мекунад?
2. Релйеф ба кадом навъҳо ҷудо мешавад?
3. Фарқи барелйеф ва горелйефро шарҳ диҳед.
4. Контррелйеф аз дигар навъҳои релйеф бо кадом ҷиҳатҳои худ фарқ мекунад?

Кор кардани композитсияи мустақил бо усули барелйеф.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# КОРИ НАЗОРАТӢ
## КОР КАРДАНИ КОМПОЗИТСИЯИ РЕЛЙЕФМОНАНД АЗ ПЛАСТИЛИН Ё ГИЛ ДАР МАВЗӮИ ИХТИЁРӢ



*Расми* 69. Композитсияи релйефмонанд

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 15

# ШАКЛҲОИ РАМЗӢ ДАР САНЪАТИ ОРОИШИ АМАЛИИ ӮЗБЕКИСТОН

Дар таърихи чандинасраи халқи ӯзбек санъати ороиши амалӣ ҳамчун яке аз қисмҳои муҳими мероси мадании мо эҳтиром мегардад. Пайдоиши санъати ороишии амалии ӯзбек ба давраи аввали инсоният – сохти ҷамъиятии ибтидоӣ рост меояд.

Наққошӣ мувофиқи муҳити хоси ҳар як кишвар, мавқеи географӣ ва хусусиятҳои худ ривоҷ меёбад. Дар нақшҳои халқии ӯзбек ҳамчун унсури нақш тасвирҳои рамзии анор, бодом, гулҳо, қаламфур ва ғайра истифода шудаанд.



*Расми* 70. Нақшҳои халқи гурҷӣ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 71. Нақшҳои халқи арман

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 72. Нақшҳои халқи қирғиз



*Расми* 74. Нақшҳои халқи қазоқ

Дар санъати ороишии амалӣ рамз (аз арабӣ гирифта, маънои “ишора кардан”-ро мефаҳмонад) ба воситаи унсурҳои нақш, хатҳо ва рангҳо тасвири табиат, воқеият, шодиву ташвишҳои зиндагӣ, дӯсту душман, некиву бадӣ мебошад.

Дар нақшҳои миллии ӯзбек рамзҳои зерин вуҷуд доранд.

| РАМЗ (номаш) | ШАКЛАШ | МАЪНОЯШ |
|---|---|---|
| Нуқта | . | Ибтидои ҳаёт, ягонагии Худо, анҷоми ҳаёт ва рамзҳои дигар |
| Хати рост | ________ | Роҳи дурусти ҳаёт, равонии ҳаёт |
| Секунҷаи баробарпаҳлӯ |  | Пораи яклухт тақсимшуда, ҷудоӣ, олам |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



| | | |
|---|---|---|
| Ромб |  | Эътимод, зан, модар замин, серфарзандӣ |
| Доира |  | Олам, бахт, офтоб, мардумро аз ниятҳои бад баргардондан, мукаммалӣ, ҷовидонӣ (яъне коинот доимист, аммо ҳаёти инсон муваққатӣ аст) |
| Нимдоира |  | Бахт |
| Квадрат |  | Беҳади дунё, олам, фарзанди офтоб абадият, нур, мустаҳкамӣ, иборат будани ҳастӣ аз замин-об, оташ ва ҳаво, мукаммалӣ, баробарӣ, зебоӣ |
| Мӯғча |  | Серӣ, баҳор, бедоршавӣ, Наврӯз |
| Пайвастшавӣ |  | Пайвастшавии бахт |
| Барг |  | Бедоршавии баҳорӣ, Наврӯз |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



| | | |
|---|---|---|
| Қаламфур |  | Аз ҳар гуна бадӣ ва чашмони бад нигоҳ доштан |
| Навда |  | Сарват, фаровонӣ |
| Шохбарг |  | Бедоршавии баҳорӣ |

Устоҳо аз сохтори табиат, гул, барг, навда, ғунча, кабӯтар ва товусҳо барои кор кардани композитсияи нақш унсурҳои гуногунро стилизатсия карда гирифтаанд.

Дар наққошӣ, гаҷкорӣ ва кандакории чӯб, гулдӯзӣ, зардӯзӣ ва дигар намудҳои санъати амалӣ унсурҳои истифодашаванда, алифбои коркарди нақш ҳисобида мешавад.

Унсурҳои намунаи рамзии дар ҷадвал овардашударо кашидан ва маънои онҳоро азёд кардан.

1. Унсурҳои нақшҳои миллӣ чӣ гуна маъноҳоро ифода мекунанд?
2. Кадом шакли рамзӣ эътимод, модар замин, серфарзандиро ифода мекунад?
3. Кадом омилҳо ба рушди санъати амалӣ таъсир расонидааст?
4. Кадом шаклҳои рамзӣ ҳамчун унсури нақшҳои миллии ӯзбек истифода мешаванд?
5. Калимаи “рамз” чӣ маъно дорад?

Бо истифода аз унсурҳои рамзии дар ҷадвал овардашуда сохтани композитсияи нақш.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 16

# КОР КАРДАНИ НАҚШИ ИСЛИМӢ

**Ислимӣ** – як навъ нақш аст, ки аз тақсимоти такрорӣ дар шакли растанӣ иборат аст. Асоси нақшро таноб, банд, барг, буттаҳо ташкил медиҳанд. Намудҳои зиёди нақшҳои ислимӣ вуҷуд доранд, ки аз кадом шакл пур карда шуда бошад, нақш бо чунин номи шакл номида мешавад: барги ислимӣ, баргаки ислимӣ, бофтаи ислимӣ, гули ислимӣ, занҷираи ислимӣ, мадоҳили ислимӣ, меҳроби ислимӣ ва зиёда аз сад адад навъҳои содда ва мураккаб мавҷуданд.

**Таноб** – аз арабӣ гирифта шуда маъноҳои *чилвир, арғамчинро* ифода мекунад. Асоси мураккаби композитсияи нақшҳои мураккабро ташкилдиҳанда хати ба нақш шаклдиҳанда "таноб" номида мешавад. Агар дар композитсия танобҳо бо нақшҳои бурида гузарандаи ранга кор карда шавад, ҳарду бо ду ранги гуногун ранг карда мешаванд. Танобҳо якдигарро набурида баръакс параллел бошад, чунин нақш "ислимии ҷуфт таноба" номида мешавад.

Агар композитсияи мустақили анҷомёфта бошад, "намоёни ҷуфт таноба" меноманд.

Кашидани нақши ислимӣ аз омӯзиши унсурҳои он оғоз мешавад.

**Марҳилаи 1.** Барои кор кардан композитсияи нақши ислимӣ бо қалам дар варақи коғаз (дафтари расм) бо андозаи 10х20 см кашида гирифта мешавад *(расми 74)*.



*Расми* 74. Тартиби муайян кардани сатҳе, ки дар он нақши ислимӣ коркард мешавад

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Марҳилаи 2.** Аз маркази андозаи кашидашуда сар карда, дар навбати аввал таноб кашида мешавад. Барои ба ҳам пайваст кардани таноб шукуфта (баста) кашида мешавад. Дар марҳилаи навбатӣ навдаҳо кашида, баъд гулҳо мувофиқи самти онҳо гузошта мешаванд *(расми 75).*



*Расми* 75. Марҳилаи кашидани композитсияи нақшӣ бо қалам

**Марҳилаи 3.** Ба композитсияи кашидашудаи нақши ислимӣ ранг дода мешавад. Аввал сатҳҳои рангмешударо ба гурӯҳҳо тақсим кардан лозим аст.

Дар навбати аввал асоси нақш ранг карда мешавад. Сипас қисмҳои дуюмдараҷа зина ба зина ранг карда мешаванд *(расми 76)*.



*Расми* 76. Марҳилаҳои ранг кардани нақши ислимӣ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Марҳилаи 4.** Дар ин марҳила корҳои ороишӣ анҷом дода мешавад. Баъд ба гул ва баргҳо қалами сиёҳ кашида мешавад. Баъд ба онҳо тарғил кашида мешавад, аз болои бандҳои сафед (танобҳо) гуаши сафед молида мешавад *(расми 77)*.



*Расми* 77. Марҳилаҳои ниҳоии нақши ислимӣ

Ба таври мустақил кор кардани композитсияи нақши ислимӣ

1. Чаро ин навъи нақшро "ислимӣ" меноманд?
2. Нақшҳои ислимӣ аз рӯи шаклашон кадом навъҳо доранд?
3. Калимаи "таноб" чиро ифода мекунад?
4. Қаламҳои мола барои чӣ истифода мешаванд?
5. Мӯйқаламҳои рақами 1-ум ва 2-юм дар кадом ҷараёнҳои композитсияи нақш ва барои чӣ кор фармуда мешавад?

Дар андозаи ихтиёрӣ кор кардани нақши ислимии мураккабнабуда

- Устои халқии Ӯзбекистон, кулолгари машҳур ва олим Муҳиддин Раҳимов навъҳои нақшҳои миллии ӯзбекро тасниф кардааст. Ин асари ӯ аз ҷониби ЮНЕСКО ба забони англисӣ нашр шудааст.
- Ин китоб дар осорхонаҳои саросари ҷаҳон, аз қабили Метрополитен (Ню Йорк), Лувр (Париж) ва Осорхонаи Британия (Лондон) маҳфуз аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# 4 ЧОРЯКИ

*Книга предоставлен

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 17 САНЪАТИ ДИЗАЙН

**Дизайн** (англисӣ “design” – “лоиҳа”, “нақш”, “расм”) – лоиҳае, ки ба мақсади ифодаи вазифаҳои эстетикӣ ва функсионалии маҳсулот офарида шудааст. Дизайн дар самтҳои молҳои истеъмолӣ, автомобилҳо, техникаи маишӣ, либос, реклама, интерйер ва экстерйери биноҳои ҷамъиятӣ ва истиқоматӣ, ҷиҳозҳои мебел, веб-дизайн офарида мешавад.

Дар Ӯзбекистон санъати дизайн рушд карда, маҳсулоти дизайнерҳои ӯзбек, ки дар дизайнии саноатӣ, дизайни либос, дизайни рекламавӣ, меъморӣ, автомобил ва ғайра кор мекунанд , ба бозори ҷаҳонӣ ворид шуда, ба бренди маъруф табдил ёфтааст.

Ба санъати тасвирӣ ба таври ҷиддӣ машғул шудан, барои дизайнер шудан дар бораи намудҳо ва самтҳои дизайн соҳиби дониши кофӣ гардидан талаб карда мешавад.



*Расми* 78. Дизайни либос

**Дизайни либос** – як навъ дизайн аст, ки ба лоиҳаҳои либосҳое равона шудааст, ки барои инсон қулай ва онро оро медиҳад. Онҳое, ки ба ин намуди фаъолият машғуланд, "моделйер-дизайнер" номида мешаванд.

**Аз дизайни реклама** тавассути воситаҳои оммавии ахбор барои тавсия кардани маҳсулот (тиҷорат) истифода мебаранд.




*Расми* 79.
Дизайни реклама

*Книга представлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE







*Расми* 80. Дизайни меъморӣ

**Дизайни меъморӣ** – намуди фаъолиятест, ки ба фароҳам овардани муҳити эстетикӣ ва қулай барои шахс нигаронида шудааст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 81. Дизайни интерйер

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар офаридани варианти ҳар гуна дизайн ғоя дар коғаз дар шакли эскиз кашида мешавад. Дар кадом ранг ва шакл офаридани дизайни дар тасаввурбуда муайян карда мешавад.



*Расми* 82. Марҳилаҳои тасвир кардани дизайни либос

Кашидани эскизи дизайни ашёҳои гуногун.

1. Калимаи “дизайн” чӣ гуна маъноро ифода мекунад?
2. Санъати дизайн кай пайдо шуд ва аз бузургтарин мактабҳои дизайнӣ кадомҳояшонро медонед?
3. Ба намудҳои санъати дизайн мисол оред.
4. Дизайни меъморӣ, дизайни реклама ва дизайни либос гуфта чиро мефаҳмед?

Ба яке аз намудҳои дизайн эскиз кор кунед.

- Дар як қатор муассисаҳои таълими олии Ӯзбекистон мутахассисони дизайнерӣ тайёр мекунанд. Дар Донишкадаи миллии рассомии ба номи Камолиддин Беҳзод дар бахши дизайни интерйер ва либос, дар Донишкадаи бофандагӣ ва саноати сабуки Тошканд аз рӯйи дизайни либос, дар Донишкадаи меъморӣ ва сохтмони Тошканд дар соҳаи дизайни интерйер ва ландшафт ва дар Донишгоҳи давлатии техникии Тошканд аз рӯйи ихтисосҳои дизайни саноатӣ мутахассисон тайёр карда мешаванд.
- Дизайн дар ибтидои асри XX пайдо шуда, дар солҳои 1930 ҳамчун як намуди махсуси фаъолият дар Аврупои Ғарбӣ ва ИМА ташаккул ёфтааст. Ба мактабҳои аввалини дизайнӣ Bauxaus (Олмон) ва VXUTEMAS (Русия) мисол шуда метавонад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 18

# КОМПОЗИТСИЯ ДАР МЕЪМОРӢ. ДИЗАЙНИ ИНТЕРЙЕР

Интерйер синтези меъморӣ ва дизайн буда, дар он муҳити хона ва таносуби ашё ва таҷҳизот дар он дар асоси лоиҳаи дизайн ба нақша гирифта мешавад. Ҳалли меъмории бино, услуби сохта шудани он дизайни интерйерии онро муайян мекунад. Масалан, барои биное, ки бо ягон услуби меъморӣ сохта шудааст, бояд интерйери он мувофиқи услуби он бино сохта ва муҷаҳҳаз карда шавад. Инро мо дар мисоли бино ва интерйери бо услуби *ҳайтекӣ* ва *классикӣ* сохташудааст, диданамон мумкин аст.

Интерйер бо кадом мақсад офаридааст, вазифаи он, дар асоси ашё ва ҷиҳозҳои дар он ҷойгиршуда дизайни хона кор карда мешавад. Аз ин рӯ, интерйери идораю ташкилотҳои ҷамъиятӣ, театру кинотеатрҳо, вокзал ва беморхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ, биноҳои истиқоматӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.



*Расми* 83. Экстерйери хона бо услуби классикӣ



*Расми* 84. Интерйери хона бо услуби классикӣ

*Книга ... ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 85. Экстерйери хона бо услуби ҳайтекӣ



*Расми* 86. Интерйери хона бо услуби ҳайтекӣ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**САКИНА МУҲАМЕДҶАНОВА**

МАРҲИЛАҲОИ КАШИДАНИ ДИЗАЙНИ ИНТЕРЙЕРИ ХОНА



1



2



3

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



4





5

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




6

Ҳамчун машғулоти амалии мавзӯъ барои сохтани дизайни интерйери хона чоркунҷаи росткунҷа ба маркази коғаз кашида мешавад. Аз дохили шакл як нуқтаро қайд карда баъди гузаронидани хате, ки ҳамаи кунҷҳои росткунҷаи ростро бо нуқтаи ишорашуда мепайвандад, онҳо перспективаи деворҳои интерйери хонаро ташкил медиҳанд. Дар марҳилаи баъдина хатҳои ёрирасон аз нуқтаи марказӣ ба деворҳои хона гузаронида шуда, ба онҳо ба таври амудӣ баландии таҷҳизоти хона муайян карда мешавад.

Бо ёрии хатҳои диагоналӣ кашиши перспективии предметҳо тасвир карда мешавад.

Пас аз ҷойгир кардани ҳама таҷҳизот, ҷузъиётҳо ранг карда мешаванд.

1. Интерйер гуфта чиро мефаҳмед?
2. Ҳангоми офаридани дизайни интерйери бино ба чиҳо аҳамият додан лозим аст?
3. Услуби интерйер гуфта чиро мефаҳмед?

Аз ҷиҳати композитсионӣ барои аз нав сохтан ва ҷиҳозонидани хонаи худ эскизи дизайни интерйериро кор кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 19 КОМПОЗИТСИЯ ДАР МЕЪМОРӢ. ДИЗАЙНИ ЭКСТЕРЙЕР

Дар санъати тасвирӣ экстерйер гуфта иншоотҳои меъморӣ ва намуди зоҳирии онҳо фаҳмида мешавад.

Дар марҳилаи якуми офаридани дизайни экстерйер биное, ки тасвир мешавад барои чӣ пешбинӣ шудааст муайян кардан лозим аст: бинои истиқоматӣ, маркази савдои бисёрошёна, комплекси варзишӣ ва ғайра. Дар офаридани дизайни экстерйери иншооти меъморӣ муҳите, ки ин бино ҷойгир аст ва объектҳои меъмори он ҷо бударо ба инобат гирифтан талаб карда мешавад. Масалан, дар муҳити шаҳрҳои таърихӣ лоиҳа намудани дизайни биноҳои муосир ба худ хосии муҳит таъсири манфӣ расонданаш мумкин аст. Ва ё баръакс, ҷойгир кардани иншооти меъморӣ дар як ҳалли дизайни асримиёнагӣ дар муҳити муосири шаҳр то андозае бо муосир будани муҳити зист мувофиқат намекунад. Барои муҳити муосири шаҳр мувофиқ кардашуда, масҷидҳое ки бо ҳалли дизайни бо услуби *ҳайтекӣ* сохта шуда ба ин мисол мебошад *(расми 87)*.



*Расми* 87. Масҷиди ҷомеи бо усули ҳайтекӣ дорои ҳалли дизайнӣ, *ба* номи Айман Қодирова. Чеченистон

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 88. Масҷиди “Минор” бо ҳалли анъанавии меъморӣ. Тошканд

Услуб ва равияҳои бадеии меъморӣ ба ягон давраи таърихӣ тааллуқ доранд. Ин талабот ба анъанаҳои кишвар, шароити иқлими табиӣ, шароитҳои сиёсӣ – иқтисодӣ асос ёфтааст. Масалан, унсурҳои анъанаҳои бадеии меъмории Юнони Қадим ва Римро дар намуди берунии иншоотҳои меъмории муосир бо услуби классикӣ дидан мумкин аст *(расми 89).*

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






*Расми* 89. Бинои истиқоматии “Оқ сарой” дар Тошканд



*Расми* 90. Меъмории Рими Қадим

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**САКИНА МУҲАМЕДҶАНОВА**

МАРҲИЛАҲОИ КАШИДАНИ ДИЗАЙНИ ЭКСТЕРЙЕРИ БИНО



1



2



3

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



4





5

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





Барои кашидани экстерйери бино аввал хати пайваст (хати уфуқӣ) кашида мешавад, ки осмон ва заминро мепайвандад. Дар марҳилаи баъдина муайян кардан лозим аст, ки хона дар кадом ҳолат тасвир карда мешавад. Экстерйери бинои тасвирёфтаистода дар ракурси рост ё нимпаҳлӯ шуданаш мумкин аст. Дар тасвиркунии шакли нимпаҳлӯ нуқтаҳои кашиши ду перспектива муайян карда мешаванд.

1. Экстерйер гуфта чиро мефаҳмед?
2. Дар офаридани дизайни экстерйери бино ба чиҳо аҳамият додан лозим аст?
3. Усулҳои анъанавӣ ва муосири экстерйери бино гуфта чиро мефаҳмед?

Ба таври мустақилона кор кардани вариантҳои эскиз оид ба композитсияи экстерйери бино.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 20 КОМПОЗИТСИЯИ ГРАФФИТӢ ДАР МУҲИТИ МЕЪМОРӢ

**Стрит арт** (англисӣ “street art” – санъати кӯча”) расмҳои деворӣ, тасвирҳои дар ҷойҳои ҷамиятӣ ва объектҳои гуногун, граффитӣ, инсталлятсияҳои кӯча, стикерҳо, постерҳо, инчунин муралҳоро дар бар мегирад.

**Граффитӣ** (итолиёӣ "graffito" – "харошида") – иборат аз расм ё матни харошида, ки дар сатҳи девор бо истифода аз рангҳо кашида шудааст.

Граффитӣ намуди санъат аст, ки асосан дар муҳити шаҳр истифода мешавад.

Намунаҳои аввалини санъати граффитӣ дар ёдгориҳои меъмории даври антиқӣ ва ашёҳои санъати амалӣ ёфт шудаанд. Дар онҳо навиштаҷотҳои дорои характери ҳаҷвӣ ва тасвирҳои карикатурӣ ифода ёфтааст. Римиёни қадим граффитиро дар сатҳҳои деворҳо ва дар намунаҳои ҳайкалтарошӣ кор кардаанд. Граффитиҳои қадим аз ҷиҳати моҳият аз граффити муосир ба куллӣ фарқ мекунад. Дар онҳо асосан маълумотҳои сиёсӣ ва эълонҳо ҷой гирифтаанд.

Якчанд намудҳо, услубҳо ва самтҳои санъати граффити муосир мавҷуданд.

Аз онҳо асосиашон “Writing”, “Clean Advertising”, “Tagging” гуфта номбар карда мешавад.

Граффити writing яке аз самтҳои асосии санъати граффитист, ки дар он техника ва услуби эҷоди граффитӣ маҳдуд нест. Рассом бо услуби ба худаш мақбул кор карданаш ва аз маводҳои гуногун истифода бурданаш мумкин аст. Масалан, рангҳои аэрозолӣ, маркерҳои деворӣ, трафаретҳои тайёр, мӯйқалам ва ғайра.



*Расми* 91. **Абдураҳмон (Инкузарт).** Мурали ба хотираи Артисти хизматнишондодаи Ӯзбекистон Абдураим Абдуваҳобов бахшидашуда

Коре, ки бо ин услуб анҷом дода мешавад, **скетч** номида мешавад ва онро инчунин дар рӯйи коғаз пешакӣ кор кардан мумкин аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Clean Advertising –** самти нисбатан нави санъати граффитӣ аст, ки асосан ба фаъолияти тиҷоратӣ алоқаманд аст. Дар ин навъи граффитӣ дар деворҳои иншооти меъморӣ композитсияи реклама барои ташвиқотҳои маҳсулотҳои ягон корхона нигаронида шудааст, тасвир меёбад.



*Расми* 92. Композитсияи граффити маҳсулоти ширкати "Coca-Cola"

**Tagging** – дар ин намуди граффитӣ аксар вақт бо истифода аз каллиграфия ва услубҳои гуногуни навиштан композитсияи матниро меофаранд.




*Расми* 93. Композитсияи граффити шрифтӣ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





**Граффити 3D** – тасвирҳои граффитӣ, ки бо ин услуб сохта шудаанд, аз сабаби техникаи беназири иҷро, онҳо ҳаҷмнок ба назар мерасанд. Композитсияҳои бо иллюзаҳои оптикӣ на танҳо ба деворҳо, балки ба рӯйи асфалт низ кор карда мешаванд.

Дар санъати кӯча баробари асарҳои граффитӣ муралҳоро ҳам дидан мумкин аст. Фарқи байни граффитӣ ва мурал дар он аст, ки мурал (лотинӣ "murus" – "девор") ба деворҳои бинои ҳаҷман калон кор карда мешавад.





*Расми* 94.
**Ҳасан Маичейев.**
Мурали "Дӯстӣ"

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## САКИНА МУҲАМЕДҶАНОВА

### МАРҲИЛАҲОИ КОР КАРДАНИ КОМПОЗИТСИЯИ ДЕВОРӢ БО УСУЛИ ГРАФФИТӢ




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



5



1. Стрит арт кадом навъи санъат аст, кадом навъи онро медонед?
2. Калимаи "граффито" кадом маъноро ифода мекунад?
3. Граффитӣ ва мурал аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунад?

Ба сатҳи девори аз ҷиҳати эстетикӣ беэътиноӣ дар маҳаллатон буда барои тасвирҳои граффитӣ дар мавзӯъҳои “Дустӣ”, “Модар-Ватан”, “Бачагии хушбахтона” композитсия офаред.

Дар Миср тасвирҳои қадимие, ки бо усули граффитӣ сохта шудаанд, то ҳол вуҷуд доранд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# КОРИ НАЗОРАТӢ

## КОР КАРДАНИ КОМПОЗИТСИЯ БАРОИ ГРАФИТИ – ТАСВИРИ ДЕВОРӢ ДАР МАВЗӮИ "МУСОБИҚАҲОИ СПОРТӢ"



*Расми* 95. Композитсияи декоративӣ дар мавзӯи "Спорт"

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 21

# КОР КАРДАНИ КОМПОЗИТСИЯИ МЕЪМОРӢ ДАР МАВЗӮИ “ШАҲРИ ОРЗУИ МАН”

Инсон ҳамеша чизеро орзу карда зиндагӣ мекунад. Ин орзуҳо ӯро водор месозад, ки ба навоварӣ кӯшиш кунад. Ин хоҳиш, пеш аз ҳама, дар шароити зиндагонии мо ифода ёфтааст. Ҳамин тариқ, лоиҳаҳои гуногун эҷод мешаванд ва мо кӯшиш мекунем, ки орзуҳои худро тасвир кунем. Дар натиҷаи ин саъю кӯшиш мамлакати мо симои нав пайдо карда истодааст. Дар ин албатта, меҳнати эҷодии эҷодкорони лоиҳаҳои нав – меъморон, дизайнерон, рассомон, устоёни санъати амалӣ ва бинокорон ҷой доранд. Ба биноҳое, ки дар асоси анъанаҳои меъмории миллӣ сохта шудаанд, масҷидҳои шаҳри Тошканд ва Маркази тамаддуни исломро дохил кардан мумкин аст *(расми 96)*.

Дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Хива ёдгориҳои қадимаи меъморӣ, ки дар асоси анъанаҳои шарқӣ сохта шудаанд, қисмҳои гумбаз, манора, пештоқ, равоқ доштанд. Дар меъмории кадима дару тиреза ва тахмонҳо низ беназиранд. Чунин унсурҳо дар меъмории муосир низ истифода мешаванд.



*Расми* 96. Маркази тамаддуни ислом. Модел

Дар рушди меъморӣ дар баробари анъанаҳои миллӣ, навгониҳои мушоҳидашуда дар меъмории ҷаҳонӣ низ нақши муҳим доранд. Биноҳои дар солҳои наздик бунёд гардида “Ҳумо Арена” *(расми 98)*, “Бунёдкор”, аренаҳои спортии “Ӯзбекистон”, боғи миллии ба номи Алишер Навоӣ ва китобхонаи миллӣ, меҳмонхонаҳои “International”, “Hyatt Regency” биноҳои бонки Миллии Ӯзбекистон, ассотсиатсияи бонкҳо *(расми 97)* ороиши беназири меъмории шаҳри муосирамон мебошад. Дар вилоятҳо низ як қатор иншоотҳои замонавӣ сохта шуда истодааст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Пеш аз оғози композитсияи меъморӣ дар мавзӯи “Шаҳри орзуи ман” симои умумии шаҳр, сохти биноҳои он ва махсусан камшавии перспективии онро муайян кардан лозим аст. Дар камшавии перспективӣ бино, роҳ, дарахтон, одамони дар роҳ, автомобилҳо ҳангоми дур рафтанашон хурд шуданашро дар ёд нигоҳ доштан лозим аст. Дар кор кардани композитсия оид ба мавзӯъ ба зеринҳо диққат додан зарур аст: бино ба кадом мақсад пешбинӣ шудааст, дар кӯча кадом намуди иншоотҳо шуданаш лозим, дар кӯча ва атрофи он чӣ гуна объектҳои иловагӣ мавҷуданд ва монанди онҳо.





*Расми* 97. Ассотсиатсияи бонкҳо (дар чап) инчунин биноҳои бонки Миллии Ӯзбекистон



*Расми* 98. Саройи спортии универсалии “Ҳумо арена”

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 99. Композитсия дар мавзӯи “Шаҳри орзуи ман”. Вариант

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 100. Композитсия дар мавзӯи “Шаҳри орзуи ман”. Вариант

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**САКИНА МУҲАМЕДҶАНОВА**

МАРҲИЛАҲОИ КОР КАРДАНИ КОМПОЗИТСИЯИ МЕЪМОРИИ МУОСИР ДАР МАВЗӮИ "ШАҲРИ ОРЗУИ МАН"

1



2



3



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





4

5



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



6



7



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



8



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**ЯКОВ ЧЕРНИХОВ**
ЭСКИЗҲОИ ЛОИҲАИ
БИНОҲОИ ШАҲРИ МУОСИР



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мавзӯи 22

# КОМПОЗИТСИЯ ДАР ФОТОГРАФИЯ

**Санъати фотография** – як намуди санъатест, ки афкори эҷодии фотограф-рассомро дар асоси технологияи аксбардорӣ инъикос мекунад.

Якчанд жанрҳои санъати фотографӣ мавҷуданд. Онҳо вобаста ба хусусияти предмет ё объекти аксбардорӣ ба жанрҳо, аз қабили манзара, портрет ё вазъияти гуногун, саҳнаҳои ҳаёти ҳаррӯза тақсим мешаванд. Дар ҳамаи жанрҳои фотография ба қоидаҳои композитсияи санъати тасвирӣ, аз ҷумла қоидаҳои композитсия, перспектива, тоналлии тасвир, рӯшноӣ ҳамчун системаи воситаҳои визуалӣ риоя карда мешаванд.

Дар санъати фотографӣ низ дар сохтани композитсия ҷиҳатҳои ба худ хосро ба инобат гирифтан талаб карда мешавад. Масалан, дуруст ҷо ба ҷо гузоштани предметҳо дар кадр (компановка) ҳангоми нигоҳ доштани мувозинати композитсияи пеш аз суратгирӣ, дар асоси хатҳои амудӣ, горизонталӣ, диагоналӣ сохтани кадр таъсирнокии суратро зиёд мекунад.

**Компановка** марҳилаи якуми суратгирӣ буда, дар кадр фигураҳоро нисбат ба ҳамдигар, нисбат ба маркази кадр дуруст ҷойгир карданро мефаҳмонад *(расми 101)*.



*Расми* 101. Компановкаи дуруст



*Расми* 102. Компановкаи нодуруст

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE








*Расми* 103. Хатҳои амудӣ ҳисси устувории мустаҳкамро бедор мекунанд





*Расми* 104. Хатҳои уфуқӣ сулҳ, макон васеъгиро ифода мекунанд

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Расми* 105. Портрет дар фотография. Портрети Артисти халқии Ўзбекистон Ҳикмат Латипов







*Расми* 106. Унсурҳои диагоналӣ дар фотография

Хатҳои диагоналӣ – динамикаи ҳаракат ба боло ё поён яке аз шартҳои асосии гирифтани кадрҳои ифоданок дар фотография ҳисобида мешавад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Интихоби сюжети қолиб**

Ҳар як ҳолати қолиби табиат метавонад ба сюжет мубаддал гардад. Масалан, муносибатҳо дар олами ҳайвонот, ҳодисаҳои табиат, борон, туман, раъду барқ, саҳнаҳои шавқовар бо иштироки бачаҳо.



*Расми* 107. **Зилола Сулаймонова.** Фотоэтюд

**Рӯшноӣ ва тобиш, нури равонашуда** – ба объект бо воситаи чароғҳо рӯшноӣ, сояҳо ва дар баъзе мавридҳо эффектҳои ҷилодорро додан.



*Расми* 108. Ифодаёбии муносибатҳои рӯшноӣ ва тобиш дар фотография

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Рӯшноии паҳнгардида –** ҳамаи сатҳҳои объектро якранг ва баробар рӯшноии равшанкунанда.

Дар шароити хона манбаи аз ҳама мақбул ва оддии рӯшноӣ барои сурат гирифтан рӯшноие, ки аз тиреза меояд.



*Расми* 109. Фотоэтюд

**Тобиш** – мафҳумест, кушоду торикӣ ва серии рангҳоро дар тасвир ифода мекунад. Тоналлии тасвир аз рӯйи таносуби майдонҳои кушод ва торики он баҳо дода мешавад.



*Расми* 110. **Шаҳноза Садирова.** Ифодаёбии тобиши ранг дар фотография

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Перспектива.** Дар фотография якчанд намуди перспектива истифода мешавад. Муҳимтарини онҳо – **перспективаи хаттӣ** мебошад. Дар ин намуди перспектива баробари дур шудани объектҳо аз мушоҳидагар андозаи онҳо низ тағйир меёбад.



*Расми* 111. Перспектива дар фотография

Рангинии фотосурат дарки маъноро, ки ба намуди зоҳирӣ тасвир, ҳаракат, мавқеъ, инчунин динамикаи унсурҳои алоҳидаи он хос аст, суст мекунад. Дар варианти монохромӣ (сафед-сиёҳ) шакл ва хусусиятҳои сатҳ намуди аниқро пайдо мекунад. Ин имкон медиҳад, Ин тасвири дар фотосурат пешниҳодшударо барои беҳтар "хондан" имкон медиҳад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE







*Расми* 112. **Шаҳноза Садирова.** Ифодаёбии ранг дар фотография

**Фотоэтюд** – этюде, ки бо ёрии воситаҳои фотография иҷро карда мешавад.

1. Кадом жанрҳои санъати фотографияро медонед?
2. Воситаҳои тасвирии санъати фотография аз чиҳо иборатанд?
3. Шартҳои асосии гирифтани кадрҳои ифоданок дар чист?

Бо ёрии фотокамераи смартфон дар мавзӯъҳои “Дӯсти ман”, “Лавҳа аз ҳаёти ҳаррӯзаи ман”, “Маҳаллаи ман” фотоэтюд ба сурат гиред. Қонуну қоидаҳоеро, ки ҳангоми гирифтани сурат омӯхтаед, истифода баред.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*O'quv nashri*

# Tasviriy san'at

*Umumiy o'rta ta'lim maktablarining*
*7-sinfi uchun darslik*
*(Tojik tilida)*

Тарҷумон Ризомат Каримов
Муҳаррир
Рассом Умид Сулаймонов
Муҳаррири техникӣ Акмал Сулаймонов
Муҳаррири бадеӣ Сарвар Фармонов
Саҳифабанд-дизайнер Алимардон Ақилов

Ба чопаш 02.07.2022 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/8
Гарнитураи "Ариал". Кегли 12. Чопи офсетӣ.
Ҷузъи чопии шартӣ 14,88. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 11,22.
Адади нашр________. Фармоиши №

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби дарсии ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби хонанда | Соли таълимӣ | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои роҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои роҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

## Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли таълимӣ баргардонида гирифтани китоб аз тарафи роҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерини баҳогузорӣ пур карда мешавад:

| **Нав** | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| **Хуб** | Муқова бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| **Қаноатбахш** | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошуда аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудааст. |
| **Ғайриқаноатбахш** | Муқова даридааст, хат кашида шудааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ёки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир гаштааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE